# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 оид ба дисертатсияи **Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич** дар мавзӯъи: «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» барои дарёфти дараҷаи илмӣ номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси **05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ИМО,Г ва Э АМИТ) комиссия дар ҳайати д.и.т., Носиров Набӣ (раиси комиссия), аъзоён: д.и.т., профессор Сафаров М.М. ва н.и.т., Раҳимов И.М., ҷиҳати экспертизаи дисертатсияи **Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич** дар мавзӯи: «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ дар асоси протоколи №6-2 аз 18.03.2024 таъсис дод.

Комиссия кори диссертатсионӣ Зувайдов М.М. баррасӣ намуда, ба хулоса омад, ки мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илми дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

Ҳамин тариқ, кори дисертатсионӣ Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи: «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ ба талаботи қисми V «Экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ», «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 с., №295 ҷавобгӯй буда, барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

## Мубрамии мавзӯи таҳқиқот

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида яке аз самтҳои ояндадори рушди иқтисоди миллӣ буд ва мемонад. Бинобар ин самт ҳамчун муайянкунандаи асосии рушди хоҷагии қишлоқ дар муддати зиёда аз 70 сол ба ҳисоб мерафт ва дар давраи ҳозира низ имкониятҳои ҷумҳурӣ пурра истифода нашудааст. Роҳбарияти вақти ҷумҳурӣ ба сохтмони ирригатсионӣ ва мелиоративӣ аҳамияти аввалиндараҷа медод ва ҳамчун масъалаи умумидавлатӣ ҳисоб мекард. Бо ҳамин хотир, дар зинаҳои гуногуни сохтмони сотсиализм ва давраи баъди бесарусомонӣ дар ҷумҳурӣ барномаи васеи ирригатсионӣ, сохтмони гидротехникӣ ва азхудкунии заминҳои нав амалӣ карда шуд. Дар натиҷаи ин таҷрибаи калони таърихӣ андӯхта шуд.

Дар асоси амалисозии барномаи васеи ирригатсионӣ ва мелиоративии заминҳо, баландбардории маданияти заминдорӣ ва дар ин замина ба бадастоварии муваффақиятҳо дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ноил гашта, заминаи моддӣ-техникии рушди иқтисодии давлати мустақил гузошта шуд. Ин ҳолат шарти асосии пойдорӣ, рушди бонизоми истеҳсолот, баландбардории маҳсулнокӣ, прогресси босуръати илмӣ-техникӣ, ба таври назаррас дар асоси рушди бемайлони ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ истифодабарии иқтидори истеҳсолии мамлакат мебошад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сохтмони иншоотҳои муҳандисӣ омили зилзилавиро ба инобат гирифтан лозим меояд, чун ки ҷумҳурии мо дар минтақаи фаъоли зилзила қарор дорад. Ин омил барои лоиҳакашон ва сохтмончиён талаботҳоеро пеш меорад, ки ҳангоми ҳисобкуниҳо шартҳои комплексии иловагиро вобаста ба лоиҳакашии иншоотҳои нақлиётии зеризаминӣ бояд ба эътибор гирифта шавад. Аз ин ҳолат воқеаҳои охири заминҷумбиҳои фалокатоваре, ки дар Туркия, Сирия, Хитой, Гретсия, Мексика, Италия, Индонезия, Эрон, Афғонистон ва як қатор давлатҳои Осиё ва дигар минтақаҳо шаҳодат медиҳанд.

Таърих нишон медиҳад, ки дар ин ҳолатҳо расонидани ёрии таъҷилии ҳавоӣ ба ҷабрдидагони заминҷумбӣ имконияти пурраи бартарафкунии онро намедиҳад, болои ин боз аэродромҳо низ қисман аз кор мебароянд ва корҳои барқароркуниро талаб мекунанд. Дар ҳудуди давлатҳои иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ (ИДМ) қувваҳои зилзилавӣ зиёда аз 20%-и масоҳати минтақаҳои фаъоли таъсири зилзиларо дар бар мегиранд ва дар мамлакатҳои Осиёи Миёна ин нишондиҳанда 100% - ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ регламенти таъмини зилзилатобоварии иншоотҳои роҳ бештар характери декларативӣ доранд.

Ҳамин тавр, қайдҳои дар боло зикршуда зарурати гузаронидани таҷрибаҳои навро ба миён меорад, ки барои такмил додани меъёрҳои сохтмонии иншоотҳои гидротехникӣ ва обгузаронӣ дар минтақаҳои хавфноки сейсмикӣ, инчунин таъмини эътимоднокӣ ҳангоми истифодабарии онҳо вазифаи хеле таъхирнопазир ба шумор меравад.

## Мақсад ва вазифаи тадқиқот.

**Мақсади кори диссертатсионӣ** аз таҳлили ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии иншооти нақби гидротехникии Данғара иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлили шароити муҳандисӣ-геологӣ ва табиӣ-иқлимӣ.
2. Омӯзиши комплекси иншооти нақби гидротехникии Данғара.
3. Шиносоӣ бо маводҳои таҳқиқотҳо ва муоинаҳои пешгузаронида.
4. Гузаронидан ва коркарди таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳои иловагӣ.
5. Ошкоркунии сабабҳои вайроншавии қитъаҳои иншоот.

6. Ҷамъбасткунии натиҷаҳои заминҷунбии руйдодаи бист соли охир дар иншоотҳои роҳравӣ ва истифодаи усулҳои муосири ҳисобкунии онҳо бо назардошти таъсири зилзила.

**Навгониҳои илмие,** ба муаллиф муяссар гардидааст, бе шубҳа аз нигоҳи илмӣ асоснок шудааст, ва дар ҳамоишҳои илмии дохиливу бурунмарзӣ баррасӣ гардида, дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ, ба монанди маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллаҳои сохтори Шохиси иқтибосҳои илмии Русия (ШИИР) нашр гардидаанд, ки гувоҳи гуфтаҳои болост.

Асоси навгониҳои илмии муаллиф:

1. Омилҳои геологии таъсиррасон, ки ба вайроншавии устувории нақби гидротехникӣ оварда мерасонад, таҳқиқ карда шуд.

2. Шароитҳои муҳандисӣ-геологӣ омӯхта шуда, суръати ҳаракати об, ки ба устувории иншооти гидротехникӣ таъсиргузор аст, муайян карда шуд.

3. Таҳқиқи таҷрибавии зилзилатобоварии нақби гидротехникии бо об қисман пуркардашуда.

4. Конструксияи зилзилатобовари қубурҳои обгузарон пешниҳод карда шуд, ки имконият медиҳад, масолеҳғунҷоишӣ кам ва технологияи истеҳсолот содда карда шавад.

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот.**

1. ҳимояи муҳофизати нақбҳо, вайроннашавии иншоотҳои гидротехникӣ ҳангоми зилзила ва имконияти истифодабарии ояндаи онҳо бо харҷи минималӣ ва вақти камтарин барои таъмир;

2. варианти омехтаи қубурҳои обгузарон тайёр карда шуд, ки ҳам зилзилатобоварии онҳо ва ҳам сарфаи масолеҳро дар давраи сохтмон таъмин менамояд;

3. натиҷаҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти кори диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми тайёркунии барномаҳои таълимӣ, нашри дастурҳои таълимӣ, монография ва тартибдиҳии маводи маърузавӣ дар зинаи бакалаврият барои фанҳои «Сохтмони нақбҳои коллекторӣ дар шаҳрҳо», «Сохтмони нақбҳои нақлиётӣ», «Сохтмони нақбҳои гидротехникӣ» ва «Устуворкунӣ ва рупӯшкунӣ нақбҳо» аз рӯи ихтисоси «Сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои барқӣ» дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ ва фанҳои «Механикаи хокҳо, асосҳо ва таҳкурсиҳо»,«Геологияи муҳандисӣ»,«Сохтмони зилзилатобоварӣ, бино ва оншоот», «Таҳқиқ, санҷиши бино ва иншоот» дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав» истифода шуданд;

4. натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми тайёркунии нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ ва силлабусҳои фанҳои мувофиқ истифода бурдан мумкин аст.

**Дарачаи эътимоднокии саҳеҳии натиҷаҳои** кори диссертатсионӣ бо натиҷаи усулҳои ҳисобкунии конструксияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф

ва натиҷаҳои таҷрибаҳои гузаронидашуда ва маълумотҳои олимони дигар тасдиқи худро ёфтаанд, инчунин истифодаи таҳқиқотҳои таҷрибавӣ – назариявӣ, усулҳои муосири таҳқиқотҳои физикӣ – механикӣ, таҷҳизотҳо ва асбобҳои муосир барои иншоотҳои гидротехникӣ саҳеҳии корро такмил доданд.

**Саҳми шахсии муаллиф**. Муаллиф мақсад ва масъалаҳои таҳқиқотиро аниқ ифода намуд, роҳҳои ҳалли назариявӣ ва таҷрибавии онҳоро муқаррар кард, усули ҳисоби ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунии конструксияро муайян намуда, ҳолати техникӣ – истифодабарии нақби гидротехникиро баҳогузорӣ кард, инчунин натиҷаҳои ба дастовардаро ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ кард.

**Маводҳои дар кори диссертатсионӣ ҷойдодашуда** дар конференсияву симпозиумҳои илмии дохиливу бурунмарзӣ баррасӣ гардида, нашр шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки оид ба мавзуи диссертатсия 22 корҳои илмӣ ба чоп расидаанд, аз ҷумла 7 кори илмӣ дар нашрияҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, инчунин унвонҷӯй 5 дастури методӣ ба нашр расонидааст. Унвонҷӯй ҳаммуаллифи 1 адад патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтирооти "Конструксияи иншооти обгузаронанда" № TJ 1417 аз 25 августи соли 2023 мебошад.

**Муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ тавсияҳо омода намудааст.**

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуқтаҳои асосии кор ва натиҷаҳои ба даст оварда шуда дар МНПК “Архитектурное образование и архитектура Таджикистана”, 60 соли рушд ва такмил; ДТТ (ш.Душанбе, соли 2022); МНТК Якҷояшавии илм, маориф ва корхонаҳои истеҳсоли материалҳои сохтмонии муосир ва маснуотҳо. СГАСИ ба номи М.Улуғбек (Ҷумҳурии Узбекистон, 2022); МНПК “Ускоренная индустриализация – основной фактор развития Таджикистана”, ДТТ (ш.Душанбе, соли 2019); НАСКР – 2018, IV МК (X Всероссийская конференҷия). ФГБОУ ВО “ ЧГУ имени И.Н Улянова” (Россия, 2018); РНПК “Развитие стабильной энергетики в годы независимости” (ш.Бохтар, соли 2016).

Дар давраи солҳои 2018 – 2019 аз рӯи самти ихтисос такмили касбиро дар кафедраи “Иншоотҳои зеризаминӣ, асос ва таҳкурсиҳо”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ гузашт.

Кори диссертатсионии Зувайдов М.М. ба шиносномаи ихтисоси **05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ** мутобиқат мекунад.

**Асолати диссертатсия 86,48%** ва **асолати автореферат 86,53%** ташкил медиҳад, маълумотнома оид ба асолат пешниҳод шудааст.

**Комиссия дар асоси баррасӣ тавсия медиҳад:**

1. Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илми дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

2. Кори дисертатсионии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯъи: «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯйи ихтисоси 05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди ИМО,ГваЭ АМИТ қабул карда шавад.

3. Комиссия пешниҳод менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

- доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Комилов Одина;
- номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Механикаи сохтмонӣ ва иншоотҳои гидротехникӣ»- и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Икромов Илҳом Исломқулович;

4. Комиссия пешниҳод менамояд, ки Институти энергетикии Тоҷикистон ба сифати муассисаи пешбар интихоб карда шавад.

5. Мутобиқи банди 60 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 с., №295) комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки эълони ҳимояи диссертатсияи Зувайдов М.М. дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷой дода шуда, автореферат чоп ва мутобиқи муқаррароти қабулшуда ирсол карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои техникӣ, х.к.и. Носиров Набӣ

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмхои техникӣ, профессор Сафаров М.М.

номзади илмхои техникӣ, х.к.и. Раҳимов И.М.

*Имзоҳои д.и.к., Носиров Н., д.и.т., профессор Сафаров М.М. ва н.и.т., Раҳимов И.М.-ро тасдиқ мекунам.*

*Мудири Шуъбаи кадрҳо ва коргузории ИМО, ГЭ ва Э АМИТ* Холназарова З.Д.

«01» 04 с. 2024